**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ”, барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ ба истеҳсол, тақсимот ва фурӯши маҳсулоти тиббӣ ва доруворӣ машғуланд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ҷониби сармоягузорон ва бахши хусусӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ин гуна ширкатҳо дар шароити бозор бо рақобати шадид дучор меоянд. Дар ин ҳолат роҳбарияти субъектҳои иқтисодии соҳаи мазкур бояд роҳ ва усулҳои муассирро истифода намуда, самаранокии фаъолият ва устувории худро дар бозор таъмин карда тавонанд. Қарорҳои дурусти идоракуниро ширкатҳои мазкур ҳамон вақт қабул карда метавонанд, ки иттилооти босифат, коркардшуда ва боэътимод дастрас бошад. Ингуна иттилоотро метавон бо ташкили низоми мукаммали баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ тавасути ҳисоботи идоракунӣ дарёфт кард. Ҳисоботи идоракунӣ маҳсули баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳои ҷорӣ ва дурнамо истифода мешавад.

Дар шароити муосир, дар баробари ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки истифодабарии захираҳо ва баланд бардоштани даромаднокӣ, ширкатҳои ба истеҳсол ва фурӯши маводҳои доруворӣ машғулбуда бо мушкилоти зиёд, аз ҷумла мавҷуд набудани заминаҳои мукаммали ҳуҷҷатии меъёрӣ барои дуруст муайян кардани арзиши аслии маводҳои доруворӣ дучор мешаванд, ки ин ба коҳишёбии сиёсати нархгузорӣ дар корхонаҳо оварда мерасонад. Дар робита бо ин, масъалаи ташкили дуруст ва ба таври муносиб пешбурди баҳисобгирии идоракунии харочот ва арзиши аслӣ дар ширкатҳои фармасевтии тиҷоратӣ мушкилоти асосӣ арзёбӣ мегардад.

Ҷорикунии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ метавонад заминаҳои методӣ, методологӣ ва амалиро талаб намояд, то ин ки иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ

саривақт фароҳам гардад. Мавҷуд набудани заминаҳои методии мукаммал метавонад садди роҳи самаранокии фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳати тиҷорати фармасевтӣ гардад, ки ин масъалаҳои зикршуда рӯзмаррагии мавзуи тадқиқотиро тасдиқ менамоянд.

Аз мазмун ва мухтавои автореферат дида мешавад, ки диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоло́вна дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Дар автореферат қайд гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ширкатҳое, ки ба воридот ва фурӯши маҳсулоти доруворӣ машғуланд, хеле зиёд аст. Қисме аз онҳо ҳам соҳиби корхонаҳои истеҳсолианд ва ҳам ба воридот ва фурӯши маводи доруворӣ машғуланд. Байни онҳо рақобати шадид (аз рӯйи сифати маҳсулот, нарх, сифати хизматрасонӣ, шабакаҳои фурӯш ва г.) вуҷуд дорад. Дар чунин шароит роҳбарияти ин корхонаҳоро лозим меояд, ки идоракунии ниҳоят самаранокро дар корхона таъмин намоянд. Сари вақт иттилооти муҳосибии босифат, дуруст коркардшуда ва такмилёфтаро оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона, ки барои қабули қарорҳои идоракунии фоидаовар мусоидат менамояд, дастрас карда тавонанд. Бинобар ин, дар ширкатҳои фармасевтӣ татбиқи низоми мукаммали баҳисобгирии муҳисибии идоракунӣ ва ҳисоботи дохилӣ бо равишу усулҳои барои рушди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мусоидаткунанда ҳатман зарур аст (с. 3-4).

Муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомдодааш қайд менамояд, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун соҳаи илмҳои иқтисодӣ ва унсури пайвастаи низоми идоракунии корхона буда, таъминоти иттилоотии роҳбарияти корхона оид ба вазъи истифодабрии захираҳо, имкониятҳо, арзишмуайянкунӣ, таҳлил, банақшагирӣ ва буҷет, ташкил ва назорати фаъолияти корхона ва зерсохторҳои онро амалӣ менамояд. Он на танҳо як воситаи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот, балки воситаи стратегии идоракунӣ буда, имкон медиҳад равандҳои хоҷагидории корхона тавассути он муносиб гардонида шуда, рақобатпазирии корхона дар шароити муосир баланд бардошта шавад (с. 15).

Саҳми муҳими дигари муаллиф ин ворид намудани ҳисобҳои иловагӣ ба ҳисоби таркибии 44010 “Даромад аз фурӯш” вобаста ба гуногун будани манбаъҳои фурӯш аз молҳои фармасевтӣ ва тиббӣ мебошад, ки метавонанд иттилооти ботафсилро оид ба сарчашмаҳои гуногуни пайдоиши даромад таъмин намоянд (с. -22).

Коркарди дигари муаллиф ин пешниҳод намудани намудҳои гуногуни ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтии тиҷоратӣ

мебошад, ки метавонад ҳамчун заминаи методологӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ хизмат намояд (с. 25).

Хулоса, муаллиф дар рисолаи илмии худ тавонистааст, ки ҷанбаҳои калидии низоми баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ мавриди муҳокима қарор диҳад. Муаллиф рисолаи илмии интихобнамудаи худро бо риояи тамоми талаботҳои ҷойдошта ба итмом расонидааст, ки дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар баробари бартариҳои зикршуда дар автореферат мо ҷой доштани чунин норасогиро қайд менамоем:

1. Дар расми 1 (саҳ.23) муаллиф амсилаи баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ дар ҶДММ «ТБШ»-ро коркард намуда, дар он танҳо рамзҳои ҳисобҳоро нишон додааст. Агар, муаллиф номи ҳамаи рамзҳои ҳисобҳои нишондодаашро тафсир мекард, мундариҷаи хамин зербоби кори илмӣ боз ҳам фаҳмотар мегардид.

Бо вуҷуди ин, эроди қайдшуда хусусияти тависявӣ дошта ба мазмуни асосии рисолаи илмӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмӯъ, гуфтаҳои болоро хамчун асос қабул намуда хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Болтуева Рухсора Камоловна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Дирктори МДТ “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода”** **Шарифзода С.Р.**

**Имзои Шарифзода С.Р-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои махсуси ва бойгонии МДТ “Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода”** **Хушвахтова З.Ш.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

795000 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Турсунзода ҷ/д Т. Туйчиев д. Дӯстӣ тел: (83130) 2-24-51
тел: (+992)918595879 E-mail: Saidmurodsharifov@mail.ru

26.04.2025с